# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ бо ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Бо дарназардошти он, ки мавқеи забони англисӣ дар ҷаҳон ҳамчун воситаи пешбари иртиботи байналмилалӣ торафт мустаҳкам мешавад ва тамоюлҳои ҷиддӣ барои боздоштан, ё суст кардани ин раванд вуҷуд надоранд, мушкилоти эҷоди технологияи самарабахши таълими забони англисӣ хеле муҳим аст. Тавре ки мусаллам аст, мағзи сари инсон иттилоотро фаъолтар дарк мекунад ва аз ёд мекунад ва дар давоми нимаи аввали ҳаёт пурсамар кор мекунад; ҳамин тавр, дар мавриди забони англисӣ, инчунин шумораи беш аз дигар фанҳо, зарур аст, ки ба азхудкунии забон дар марҳилаи нисбатан барвақти рушди шахсияти инсон имконият фароҳам оварда шавад.

Ба ақидаи диссертант Мирзоев Ш.С. 4 маҳорати омузиши забон (хондан, шунидан, навиштан ва гуфтор)-ро метавон тариқи истифодаи барномаҳои комютерӣ сайқал дод. Инчунин ҳангоми ғани гардонидани маҳорати шунавоӣ, бояд омӯзгор талош намояд, ки талаффузи забони англисиро аз ҷониби соҳибзабонҳо ба хонандагон таъмин намояд. Аз ин лиҳоз омӯзгоронро лозим меояд, ки матнҳои бо забони англисӣ бударо, ки дорои сабти овозӣ ҳастанд, дар дарс истифода буранд.

Таҳқиқот ба баррасии таҳқиқот оид ба технологии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии мактаби миёна бахшида шудааст, ки ба назари муаллиф самаранок ва умедбахш аз ҳама усулҳои мавҷуда ва айни замон истифодашаванда ба назар мерасад. Бояд зикр кард, ки самаранокии ин технологияро натиҷаҳои татбиқи он дар кишварҳои Аврупо тайи 15-20 соли охир тасдиқ мекунанд. Боиси хушнудист, ки дар солҳои охир таҷрибаҳои гарчанде универсалӣ набошанд ҳам, вале

аллакай самтҳои назарраси ҳамгироии усулҳои нав ба низоми таълими забон дар Тоҷикистон мавҷуданд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот: -бузургиҳои муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ , ки ба омӯзиши хусусиятҳои муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ дар марҳилаи имрӯзаи такомулёбии он мусоидат мекунанд, муайян карда шуданд; -муқаррароти мундариҷавӣ ва бо мақсади таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуданд;-тартиботи ташкил ва интихоби БТК оид ба дастгирии раванди таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ мушаххас карда шуданд; -маҷмӯи принсип, усул ва тарзҳои дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуд.

Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ метавонанд зимни гузарондани курсҳо оид ба баландбардории тахассуси муаллимони забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳадафи таҳқиқот : аз ҷиҳати назарявӣ асоснок кардан ва дар ташхис санҷида баромадани самаранокии методикаи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ бо дастгирии технологияи компютерӣ.

Тадқиқот дар асоси методҳо доир ба маърифати назариявӣ: омӯзиши адабиёти илмӣ дар бораи методикаи таълими забони хориҷӣ, психологияи лингвистӣ, забоншиносӣ; таҳлил ва хулосаи маводҳои таҷрибавӣ ва назариявӣ; баррасии тарзҳои компютерии таълим; тағйирдиҳӣ; таҳлили таҷрибаи мусбати педагогӣ; - методҳо оид ба маърифатӣ таҷрибавӣ: таҳлили китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ-маърифатӣ, стандарт ва китобҳои дарсӣ оид ба забони хориҷӣ; суҳбатҳо бо муаллимон ва муҳассилин; мониторинги кори муҳассилин ва муаллимон, худмушоҳидабарӣ; метод оид ба баҳодиҳии коршиносӣ; омодасозии таҷрибавӣ; методҳои коркарди оморӣ; пурсиши анкетавӣ; пурсиши тестӣ роҳандозӣ шудааст.

Дар муқаддима перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои таҳқиқотӣ сухан рафта, унвонҷӯ аппарати илмии рисоларо возеҳу равшан баррасӣ намудааст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ Мирзоев Ш. С. тӯли солҳои охир ба масъалаҳои методикаи таълими забони англисӣ таваҷҷӯҳи илмӣ зоҳир кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 13 таълифоти илмӣ, ки дар нашрияҳои гунонун, маҷаллаҳои илмӣ, дар маҷмӯаҳои маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд, аз он ҷумла 4 адад дар маҷаллаҳо аз рӯйхати нашрияҳои тавсияшавандае, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия гардидааст, чоп шудаанд.

Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо нашршуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессор, мудири кафедраи
забонҳои хориҷии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонова Н. Ш.

Имзои профессор Раҳмонова Наргис
Шарифовнаро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси АИДНПҶТ Суфиев Ф. Р.

АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * АКАДЕМИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И СПЕЦЧАСТИ

31.03.2021

Тел: (+992) 917 09 02 99, E-mail: nargisbonu66@mail.ru